## Меъёри бозтамвил бетағйир дар сатҳи 10,0 фоизи солона нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №34, аз 28 июли соли 2023 ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани меъёри бозтамвил дар сатҳи 10,0 фоизи солона қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси тамоюли коҳишёбии нархҳои ҷаҳонии молу маҳсулот ва дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт, инчунин бо назардошти аз ҳадафи муқаррargardida пасттар қарор доштани сатҳи таваррум ва беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ қабул карда шуд.